## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Турсунов Хушруз Муталибович дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо**

Турсунов Хушруз Муталибович соли 2010 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро бо ихтисоси менеҷери фаъолияти гумрук хатм намудааст ва худи ҳамон сол ба ҳайси асистенти кафедраи экспертизаи молҳо ва фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолияти кории худро оғоз намуда, ибтидо аз соли 2014 то ба имрӯз ба ҳайси муаллими калони кафедраи фаъолияти гумруки донишгоҳи зикршуда фаъолият карда истодааст.

Таҳқиқоти илмии худро Турсунов Х.М. ба ҳайси унвонҷӯ дар Шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон анҷом додааст. Дар давоми таҳсил ӯ худро ҳамчун муҳақиқи фаъолу дорои малакаи тадқиқотчии мустақили мавзӯи илмӣ нишон дода, мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро тавонист асоснок намояд. Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ доираи васеи адабиёти ватанию хориҷиро доир ба мавзӯи таҳқиқот омӯхта, инчунин таҷрибаи корӣ дар ин самтро андӯхтааст. Чун бештари маълумот ва рақамҳои марбут ба мавзӯи таҳқиқоти Турсунов Х.М. баргирифта аз омори расмии сатҳҳои гуногун буд, номбурда махсусан дар самти таҳлили факту рақамҳои оморӣ, тартиб додани ҷадвалу диаграммаҳо ва таҳқиқи роҳҳои такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон аз усулҳои эконометрии таҳлил истифода, дар ин замина таҷрибаи ғанӣ ба даст овардааст.

Дар рафти таҳқиқот унвонҷӯ ҷиҳати муаррифӣ намудан ва баррасии имконоти истифодаи таҷриба ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти илмии бадастомада дар чандин конфронсҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва берун аз ҷумҳурӣ ҷабҳаҳои асосии рисолаи худро муаррифӣ намудааст. Ҳолатҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 17 мақолаи илмӣ, дар ҳаҷми умумии 4,6 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Диссертатсияи Турсунов Х.М. аз сарсухан, се боб, 9 параграф иборат буда, боби аввали он ба масъалаҳои «Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи идоракунии низоми гумрук», боби дуюм ба «Арзёбии ҳолати муосири рушди низоми гумрук ва механизми иқтисодии идоракунии он», боби сеюм бошад - ба «Роҳҳои асосии такмили механизми идоракунии низоми гумрук» бахшида шудааст. Навгонии бадастомада пурра аз кори

диссертатсионии анҷомдодашуда бармеояд ва хулосаю натиҷаҳои илмии ҷамъбасти илмию назариявӣ ва татбиқи амалии он мебошад. Сохтор ва мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ифодагарӣ аз нигоҳи илмӣ камол ёфтани унвонҷӯ шаҳодат медиҳад ва Турсунов Х.М. метавонад дар таҳқиқотҳои ҷиддии илмию назариявӣ ва амалии ҳалли масъалаю мушкилоти иқтисодӣ, такмил ва истифодаи механизмҳои инноватсионии идоракунии иқтисодӣ иштирок намояд.

Дар хотима, бояд қайд намоям, ки диссертатсияи Турсунов Х.М. кори илмии мустақил ва таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, дорои навоварии амиқи илмӣ ва аҳамияти амалӣ мебошад. Бинобар ин, диссертатсияи мазкур ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо ҷавобгӯ буда, ба андешаи мо, қобили дастгирӣ аст.

Роҳбари илмӣ,
дотсенти кафедраи фаъолияти
гумруки ДДТТ, н.и.и. Иброҳимҷонзода А.И.

Имзои н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти гумруки ДДТТ Иброҳимҷонзода А.И.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.